# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзӯи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш ширинбия (*Glycyrrhiza glabra* L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯй ихтисоси 03.03.01 – Физиология пешниҳод гардидааст.

Дар замони ҳозира дар аксарияти мамлакатҳои тараққикардаи дунё барои баланд бардоштани қобилияти коршоямии варзишгарони касбии соҳаҳои гуногун маводҳои гуногуни фармакологӣ ба монанди витаминҳо, адаптогенҳо, протенҳо ва дигар моддаҳҳои фаъоли биологиро васеъ истифода мебаранд.

Дар байни ин моддаҳо мутобиққунандаҳои табиати набототи дошта ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Зеро ин моддаҳо ба гурӯҳҳи допингҳо дохил нашуда, дар як муддати кутоҳ қобилияти коршоямии варзишгаронро баъди мусобиқаҳои пуршидати сатҳи ҷаҳони босуръатар барқарор мекунанд. Аз ин лиҳоз мавзуи интихобкардаи унвонҷӯ Шерализода Орзуҷон Зафар яке аз мубрамтарин масъалаҳои тибби варзишии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар байни растаниҳои флораи Тоҷикистон гиёҳҳои зиёде хусусияти мутобиққунандаги доранд, вале дар байни онҳо пурарзиштарин решаи ширинбия (*Glycyrrhiza glabra* L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L) ба ҳисоб меравад. Ин растаниҳо таркиби бойни химиявӣ дошта аз моддаҳои фаъоли биологӣ бой мебошанд.

Унвонҷӯ барои истеъмоли ин гиёҳҳо осонтар гардад аз экстракти онҳо шарбат омода намудааст, ки аз руйи хусусиятҳои физикавӣ ва химиявӣ устувор буда таъми форам дошта истеъмолаш осон мебошад.

Дисертант бо исифода аз усулҳои муосири санҷиши ба монанди Шафраский, Генчи, Штанге ва таҷҳизотҳои муосири ҳозиразамони анализатори бадани инсон тамғаи ДНМ 600 – А, анализатори гемотологӣ тамғаи МКРОС 20+, анализатори биохимиявӣ, анализатори омуӯзиши системаи лахташавии хун, спирометри бо компиютер васлгардида, силомер ва ғайра истифода намудааст.

Аз натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидаи Орзуҷон Зафар, маълум мегардад, ки ҳангоми истеъмоли якмоҳаи шарбати ширинбия, заринреша ва качим нишондодҳои физиологӣ ба монанди фишори шараёнӣ, басомади кори дил, басомади нафаскашӣ, ҳаҷми ҳаётии шуд дар давраи тамрини тулонӣ беҳтар гардида, қобилияти коршоямии мушакҳои бадани варзишгарони соҳаи гӯштингирӣ аз 20-40 % тезтар барқарор мегардад.

Дар зари таъсири шарбати ширинбия, заринреша ва качим микдори эритроситҳо ва консентратсияи гемоглобин баланд гардида дар ин замина қобилияти ба оксиген таъминкунии мушакҳо беҳтар мегадад.

Дар маҷмуъ, кори унвонҷӯ Шерализода Орзуҷон Зафар актуалӣ буда, дар сатҳи хуби методологӣ иҷро шудааст, дорои маълумоти нави боэътимоди илмӣ мебошад ва арзиши назарраси илмӣ ва амалӣ дорад, ки ба талаботи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгу аст.

Муаллифи кор, Шерализода О.З, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Дотсенти кафедраи фармакологияи**
**МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино”,**
**доктори илмҳои тиб** **Юлдашева У.П.**

«5» 01 с. 2026

**Суроға:** 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, н. Фирдавсӣ
**Телефон:** (+992) 93 599 99 44
**E-mail:** umeda.yuldasheva@mail.ru

**Имзои** Юлдашева У П-ро **тасдиқ менамоям.**

**Сардори раёсати рушди кадрӣ**
**МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино”,**
**номзади илмҳои тиб** **Сафаров Б.И.**

**Суроға:** 734026, ҶТ, ш. Душанбе, н. Сино, куч. Сино 29-31
**Тел/факс:** (+992) 446-600-3977, 2353496.
**E-mail:** info@tajmedun.tj
**Web-сайт:** www.tajmedun.tj

«06» 01 с. 2026